**“ТАСДИҚ КАРДА ШУД”**

Бо Қарори Анҷумани
Иттифоқи адвокатҳои
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «18 - 19» сентябри 2015 сол.

# Д А С Т У Р

# ДАР БОРАИ ГУЗАРОНИДАНИ АНҶУМАНИ

# ИТТИФОҚИ АДВОКАТҲО

Муқарароти умумӣ:

**Моддаи 1.** Дастури мазкур, тартиби кори Анҷумани адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро, муайян месозад.

**Моддаи 2.** Анҷумани адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кори худ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», Оиннома ва инчунин дастури мазкурро, ба роҳбарӣ мегирад.

**Моддаи 3.** Вақт ва макони гузаронидани Анҷумани Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро Раёсати Иттифоқи адвокатҳо (ташкилкунандагон) муайян менамоянд.

**Моддаи 4.** Иштирокчиёни Анҷумани адвокатҳо, вакилони дар маҷлисҳои минтақавии мақомоти адвокатӣ интихобшуда мебошанд.

## Принсипҳо ва шаклҳои кори Анҷумани адвокатҳо

**Моддаи 5.** Анҷумани Иттифоқи адвокатҳо, дар ҳолате салоҳиятнок мешавад, ки дар кори он аз се ду ҳиссаи вакилони ба Анҷуман интихобшуда, иштирок дошта бошанд. Давомнокии кори он вобаста ба ҳаҷм ва хусусияти масъалаҳои баррасишаванда муайян мегардад.

**Моддаи 6.** Ба Анҷумани адвокатҳо метавонанд, намояндагони ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, инчунин роҳбарони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, байналмилалӣ ва намояндагони воситаҳои ахбори омма, ҳамчун меҳмон даъват карда шаванд.

**Моддаи 7.** Тамоми Қарорҳои Анҷумани адвокатҳо, бо тарафдории аксарияти вакилон қабул карда мешаванд. Дар ҷараёни кори Анҷуман Протокол тартиб дода мешавад.

**Қисми тайёрии Анҷумани Иттифоқи адвокатҳо**

**Моддаи 8.** Барои муайян кардани салоҳияти Анҷумани Иттифоқи адвокатҳо, пеш аз оғози он, бақайдгирии Вакилон гузаронида мешавад. Пеш аз ба овоз мондан, мумкин аст, бақайдгирии иловагӣ гузаронида шавад.
Бақайдгирии мазкур, аз тарафи ташкилкунандагони Анҷуман дар асоси рӯйхати тасдиқшудаи Вакилони маҷлиси мақомоти минтакавӣ, бо пешниҳоди шаҳодатномаи адвокатӣ, ё ин ки дигар ҳуҷҷати муайянкунандаи шахсият, гузаронида мешавад.
Вакили Анҷуман воқеъияти бақайдгирӣ ва дурустии маълумоти дар варақаи бакайдгирӣ нишон додашударо бо имзои шахсии худ тасдиқ менамояд.

Варақаи бакайдгирӣ, бояд, ҷой барои имзои вакилон, бобати тасдиқи гирифтани варақаҳои овоздиҳиро дошта бошанд.

Дар вақти бақайдгирии вакилони Анҷуман, ба онҳо маҷмуи маводҳои корӣ ва шаҳодатномаи муввақатии иштирокчии Анҷумани адвокатҳо, дода мешаванд. Ҳар кадом аз вакилони Анҷуман шаҳодатномаҳои муввақатии худро бояд, доимо бо худ дошта бошад, то ки дар ҳар як лаҳзаи овоздиҳӣ ва бақайдгирии баъдина, онро нишон диҳад.

**Моддаи 9.** Аз натиҷаи бақайдгирии вакилони Анҷуман, протокол тартиб дода мешавад, ки аз тарафи аъзоёни гурӯҳи бақайдгирӣ, ба имзо расонида мешавад.

**Моддаи 10.** Анҷумани Иттифоқи адвокатҳоро, Раиси Иттифоқи адвокатҳо мекушояд.

**Моддаи 11.** Кори Анҷумани адвокатҳо, бо муайян кардани Кворум оғоз меёбад. Кворум аз лаҳзаи ба анҷом расидани бақайдгирӣ, бо шумораи имзоҳои Вакилони дар варақаҳои бақайдгирӣ имзогузошта муайян карда мешавад. Дар сурати ҷамъ нашудани кворум, Раёсати Иттифоқи адвкоатҳо саннаи нави баргузории Анҷумани Иттифоки адвокатҳоро, муайян мекунад.

**Моддаи 12.** Бевосита, баъди муайян намудани кворум, вакилони Анҷумани адвокатҳо, барои бурдани Анҷуман, Раёсат ва котиботи Анҷуманро, интихоб менамоянд. Шумораи ҳайати Раёсат ва котибот, аз тарафи Анҷуман муайян карда мешавад. Раиси Раёсати Иттифоқи адвокатҳо номзадҳоро ба ҳайати Раёсат пешниҳод менамояд. Раёсат аз ҳайати худ, Раисикунандаро барои бурдани Анҷуман, интихоб менамоянд.
Котибот аз ҷумлаи вакилони дар Анҷуман иштирокдошта, интихоб карда мешаванд. Котибот аз ҳайати худ, рохбари котиботро таъин менамоянд. Котибот дар ҷараёни Анҷуман, пешбурди Протоколи Анҷуманро, таъмин ва назорат менамоянд. Барои тартиб додани протокол, котибот метавонанд, дигар мутахассисонро аз ҷумлаи стенографистон ва сабти овозро ҷалб намоянд.

**Моддаи 13.** Баъди интихоби Раёсат, Анҷуман - рӯзномаи Анҷумани адвокатҳо, комиссияҳои Мандатӣ, Ҳисобӣ, Молиявӣ ва Таҳририро тасдик менамояд.

**Салоҳияти мақомотҳои кории Анҷумани адвокатҳо.**

**Моддаи 14.** Раёсат, пешбурди Анҷуманро ташкил намуда, ба Раисикунандаи Анҷуман дар ҷараёни пешбурди Анҷуман, ёрӣ мерасонад ва кори котиботи Анҷуман ва комиссияи ҳисоботиро мутобиқ мегардонад.

**Моддаи 15.**
Раисикунанда дар Анҷуман :
- Анҷуманро, тибқи дастури мазкур, роҳбарӣ мекунад;
- Масъалаҳои баррасишавандаро, тибқи рӯзномаи Анҷуман, мавриди баррасӣ қарор медиҳад;
- Ба вакилон ва иштирокчиён барои баромад, имконият фароҳам меорад;
- Ҳар як масъалаи рӯзномаи Анҷуманро, ки қабули Қарорро талаб менамояд, ба овоз монда, натиҷаи овоздиҳиро эълон менамояд;

- Вобаста ба таъмини кори Анҷуман, ба мақомотҳои кории он, супоришҳо медиҳад;
- Ба саволҳои ба миёномада тавзеҳоти шифоҳӣ медиҳад;
- Тартибро дар толори баргузории Анҷуман, таъмин менамояд;
- Ҳуқуқ надорад, ки суханони баромадкунандагонро шарҳ дода, баромадҳои онҳоро мавриди баҳогузорӣ қарор диҳад;
- Ҳуқуқ дорад, ки дилхоҳ амалҳое, ки Дастури мазкурро халалдор месозанд, пешгирӣ намояд, аз ҷумла ба баромадкунандагоне, ки аз доираи масъалаҳои баррасишаванда, баромадани мешаванд, огоҳӣ диҳад ва аз суханронӣ боздорад;
- Дар бораи оғоз ва хотима ёфтани овоздиҳии пинхонӣ, хабар медиҳад;
- Танаффус эълон менамояд;
- Анҷуманро пӯшида эълон менамояд;
- Протоколи Анҷуманро имзо мегузорад.

**Моддаи 16.**
Котиботи Анҷуман:

- тартиб додани Протоколи Анҷуманро таъмин ва назорат менамояд;
- аз вакилон барои баромад, вобаста ба масъалаи рӯзномаи Анҷуман, дархост кабул менамояд;

**Моддаи 17. Комиссияи Мандатӣ.**
Барои тафтиши салоҳияти Вакилони Анҷуман, дар рафти он, Комиссияи Мандатӣ, интихоб карда мешавад, ки мақоми доимиамалкунандаи кории Анҷуман, ба ҳисоб меравад.
Комиссияи Мандатӣ бо овоздиҳии кушода, аз ҷумлаи Вакилон, интихоб карда мешавад. Шумораи аъзоёни Комиссияи Мандатӣ аз тарафи Анҷуман, муайян карда мешавад. Комиссияи Мандатӣ аз ҷумлаи аъзоёни худ Раис ва котиби Комиссияи Мандатиро интихоб менамоянд. Қарори Комиссияи Мандатӣ, бо тарафдории аксарияти овозҳои аъзоёни он, қабул карда мешавад. Баъди интихоби Комиссияи Мандатӣ тамоми ваколатҳо вобаста ба тафтиши салоҳияти Вакилони Анҷуман, ба ихтиёри Комиссияи Мандатӣ мегузарад. Комиссияи Мандатӣ, дурустии протокол ва варақаҳои бакайдгирии Вакилонро, тафтиш менамояд. Аз натиҷаи тафтиши салоҳияти Вакилон, Комиссияи Мандатӣ Протокол тартиб медиҳад.
Дар Протокол маълумотҳои зерин бояд дарҷ карда шавад:

- Шумораи Вакилони ба Анҷумани адвокатҳо интихоб шуда;

– Хулоса дар бораи тасдиқи протоколи бақайдгирӣ ва варақаҳои бақайдгирӣ.

Протоколи зерин аз тарафи Раис ва котиби Комиссияи Мандатӣ имзо карда мешавад.

Баъди эълони хулосаи Комиссияи Мандатӣ, Раисикунандаи Анҷуман, лоиҳаи Қарори Анҷумани адвокатҳоро, дар бараи тасдиқи салоҳияти Вакилони Анҷуман ба овоз мемонад. Қарор дар бораи тасдиқи салоҳияти Вакилон аз тарафи Раисикунанда ба имзо расонида мешавад. Баъди маърӯзаи Комиссияи Мандатӣ ба Вакилони Анҷуман, мандатҳои шахсӣ дода мешавад.

**Моддаи 18.** Барои гузаронидани овоздиҳӣ, Комиссияи ҳисоботии Анҷумани адвокатҳо, интихоб карда мешавад, ки мақоми доимиамалкунандаи кории Анҷуман, ба ҳисоб меравад.

Аъзоёни Комиссия аз ҳайати худ, Раис ва котиби Комиссияи хисоботиро интихоб менамоянд.

Қарори Комиссияи Ҳисоботӣ, бо тарафдории аксарияти овозҳои аъзоёни он, қабул карда мешавад.

Коимиссияи ҳисоботӣ тартиби овоздиҳиро вобаста ба масъалаҳои рӯзномаи рӯзи Анҷуман, фаҳмонда медиҳад ва ҳисоб кардани овозҳоро ба роҳ монда, натиҷаи овоздиҳии кушодаро, эълон менамояд. Комиссия, рафти тайёр кардани варақаҳои овоздиҳиро, барои гузаронидани овоздиҳии пинхонӣ назорат карда, барои тасдиқи шакли он, ба Анҷуман пешниҳод мекунад.

Шароити озодонаи изҳори иродаи Вакилон ва нигоҳдории сирри овоздиҳиро, таъмин ва назорат менамояд. Овозҳоро ҳисоб карда, натиҷаи овоздиҳии пинҳониро эълон менамояд.

Протоколҳои Комиссияи ҳисоботӣ ва варақаҳои овоздиҳӣ (аз ҷумла варақаҳои беэътибор ва вайроншуда)-ро ба протоколи Анҷуман, замима менамояд.

**Моддаи 19.** Барои тайёр кардани масъалаҳо, вобаста ба муайян кардани андозаи маблағи барои эҳтиёҷоти Иттифоқи адвокатҳо ҷудошаванда, тасдиқи сметаи хароҷот, рӯйхати мансабҳои роҳбарикунандаи Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи молиявӣ интихоб карда мешавад.

**Моддаи 20.** Баъди қабули Қарор дар бораи тасдиқи салоҳияти вакилони Анҷумани адвокатҳо Комиссияи таҳририӣ интихоб карда мешавад. Ҳар як Вакил ҳуқуқ дорад, ки ба шумора ва ҳайати шахсии Комиссияи таҳририӣ, таклиф пешниҳод намояд. Комиссияи таҳририӣ

лоиҳаҳои Қарорҳои Анҷуманро омӯхта, пешниҳод ва мулоҳизаҳоро таҳлил намуда, таҳрири охирини Қарорҳоро муқаррар менамояд.

**Моддаи 21.** Баъди интихоби гурӯҳҳои кории Анҷуман, Раисикунандаи Анҷуман, масъалаҳои рӯзномаи рӯзро пешниҳод карда, масъалаи тасдиқи рӯзномаи рӯзи Анҷуманро, ба муҳокима мемонад. Баъди тасдиқи масъалаҳои рӯзномаи рӯз, Раисикунанда, оғози баррасии масъалаҳои рӯзномаи рӯзи Анҷуманро эълон менамояд.

## Тартиби гузаронидани Анҷумани адвокатҳо

**Моддаи 22.** Ба Вакилон дар Анҷумани адвокатҳо, барои баромад вақт ҷудо карда мешавад:
- барои маърӯза вобаста ба масъалаҳои рӯзномаи рӯз - то 20 дақиқа;
- барои музокира – то 5 дақиқа;
- вобаста ба номзадҳо ба вазифаҳои интихобӣ – то 2 дақиқа;
- вобаста ба муҳокимаи номзадҳо – то 2 дақиқа;
- бо сухани (баромад)-и такрорӣ – то 3 дақақа.

Анҷумани адвокатҳо ҳуқуқ дорад, дар бораи дароз намудан ё ин ки кӯтоҳ кардани вақти баромад, қарор қабул намояд.

**Моддаи 23.** Вакили Анҷумани адвокатҳо дар маҷлисҳои Анҷуман ҳуқуқ дорад:
- баромад карда, бобати муҳокимаи масъалаҳои баррасишаванда, таклиф пешниҳод намояд;
- номзадии худ ё ин ки номзадии дигаронро, ба гурӯҳҳои кории Анҷуман ва мақомотҳои интихобии Иттифоқи адвокатҳо пешбарӣ кунад;
- дар сурати ба гурӯҳҳои корӣ, интихоб шуданаш, худрадкунӣ баён намояд;
- вобаста ба муҳокимаи як масъала, на зиёда аз ду маротиба баромад намояд.

Вакил дар вақти баромад кардан, на бояд аз доираи муҳокимаи мавзӯъ, берун барояд, бе иҷозати Раисикунанда, аз вақти ба ӯ, ҷудокардашуда зиёдтар баромадкунад.
Дар сурати аз тарафи Вакил риоя накардани тартиби муқараргашта, Раисикунанда ҳуқуқ дорад, бори аввал ба ӯ огоҳӣ дода, дар сурати такроран вайрон кардани тартиби муқараргашта, Вакилро аз сухан кардан боздорад.

## Интихоби мақомотҳои Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Моддаи 24.** Анҷумани Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи тафтишотии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил дода, намояндагони комиссияи тахассусиро интихоб менамояд.

**Моддаи 25.** Қарор, дар бораи интихоби аъзоёни Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо роҳи овоздиҳии пинхонӣ, бо истифодаи варақаҳои интихоботӣ, қабул карда мешавад.

**Моддаи 26.** Ҳар як вакил ҳуқуқ дорад, ки номзадии худ, ё ин ки номзадии дигар вакилонро, ба  рӯйхати номзадҳо, ба аъзогии Раёсати Иттифоқи адвокатҳо, барои овоздиҳии пинхонӣ, пешниҳод намояд.
Анҷуман  рӯйхати номзадҳо ба аъзогии Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ карда, барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ ба варақаҳои овоздиҳӣ дохил менамояд ва Раиси Анчуман номгӯи номзадҳоро эълон менамояд.

**Моддаи 27.** Интихоби Комиссияи Тафтишоти ва Комиссияи Интизомии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо роҳи овоздиҳии кушода ё ин ки пинҳонӣ, гузаронида мешаванд. Ба аъзогии Комиссияи ревизионӣ ва Комиссияи Интизомӣ, адвокатҳое сазовор мешаванд, ки агар дар натиҷаи овоздиҳӣ, бештар аз дигар номзадҳо овози вакилони Анҷуманро гирифта бошанд.

## Ташкил ва тартиби овоздиҳӣ.

**Моддаи 28.** Овоздиҳӣ вобаста ба масъалаҳои баррасишаванда, ба тариқи озод гузаронида мешаванд.
Қарорҳо бо аксарияти овозҳои Вакилоне, ки дар  Анҷуман иштирок доранд, қабул карда мешаванд. Овоздиҳӣ вобаста ба масъалаҳои ташкили гурӯҳҳои кории Анҷуман мумкин аст, аз рӯи рӯйхат гузаронида шаванд.

**Моддаи 29.** Пеш аз гузаронидани овоздиҳӣ Раисикунандаи Анҷуман масъалаҳои баррасишавандаро дақиқан муайян намуда ба овоз

мемонад. Дар сурати интихоби номзадҳо бошад, ному насаби ҳар як номзад пурра муайян карда шуда, ба овоз монда мешавад.
Мавқеъи «тарафдор», «зид» ё ин ки «бетараф» будани Вакилон, бо ба боло бардоштани мандатҳо ифода меёбад. Ҳисоб намудани овозҳо, аз тарафи Комиссияи ҳисоботӣ ба амал бароварда мешавад.

**Моддаи 30.** Варақаҳо, барои овоздиҳии пинҳонӣ аз тарафи Комиссияи ҳисоботӣ дар асоси таклифҳои пешниҳодгашта, бо миқдори баробар бо шумораи вакилони дар кори Анҷуман иштирокдошта, тайёр карда мешаванд.
Вакт, ҷой ва тартиби гузаронидани овоздиҳӣ аз тарафи Раиси Комиссияи ҳисоботӣ, эълон карда мешавад.
Варақаҳои овоздиҳӣ ба Вакилон, баъди гирифтани имзои Вакилони бақайдгирифта, ба варақаи бақайдгирӣ дода мешаванд. Комиссияи ҳисоботӣ барои дуруст додани варақаҳои овоздиҳӣ ҷавобгариро ба душ доранд.
Варақаҳои овоздиҳӣ бояд аз тарафи Вакилон бо ручкаҳои рангӣ пур карда шаванд, ки имконияти ислоҳ намудани навиштаҳои дар варақаҳои овоздиҳӣ ҷойдошта, тамоман мавҷуд набошад. Пур кардани варақаҳои овоздиҳӣ, бо қалам роҳ дода намешавад. Вакилон ҳуқуқ доранд, то ба қуттии овоздиҳӣ партофтани варақаҳои овоздиҳии корношоямшуда, онҳоро дар Комиссияи ҳисоботӣ иваз намуда, оиди ин ҳолат дар варақаҳои бақайдгирӣ ва дар худи варқаҳои вайронгашта, ишора гузоранд.
Варақаҳои вайроншуда, ба протоколи Комиссияи ҳисоботӣ замима карда мешаванд. Қуттиҳои овоздиҳӣ дар ҷойҳое, ҷойгир карда мешаванд, ки то ба охир расидани овоздиҳӣ, дар зери назари аъзоёни Комиссияи ҳисоботи, қарор дошта бошад.

**Моддаи 31.** Баъди ба итмом расидани овоздиҳии пинҳонӣ, қуттии овоздиҳӣ аз тарафи Раиси Комиссияи ҳисоботӣ, ба хонаи алоҳидаи ҷудокардашуда, ба хотири ҳисоби натиҷаи овоздиҳӣ гузаронида мешавад. Ҳисоби овозҳо, аз тарафи аъзоёни Комиссияи ҳисоботӣ гузаронида мешавад. Барои ҳисоб намудани овозҳо, танҳо варақаҳои боэътибор ба инобат гирифта мешавад.

Варақаҳои беэътибор инҳоянд:
- Варақаҳои овоздиҳие, ки бо шакли тасдиқшудаи Варақаҳо, мувофиқ набошанд;
- Варақаҳое, ки аз рӯи онҳо муайян кардани райъдиҳии Вакилон, ғайриимкон бошад;

Қарор оиди беэътибор донистани варақаҳои овоздиҳӣ, аз тарафи Комиссияи ҳисоботӣ, қабул карда мешавад. Варақаҳои овоздиҳии беэътибор, ба протоколи Комиссияи ҳисоботӣ, ҳамроҳ карда мешаванд.

**Моддаи 32.** Дар бораи натиҷаи овоздиҳӣ Комиссияи ҳисоботӣ протокол тартиб медиҳад. Протокол дар бораи натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, бояд маълумотҳои зеринро дар бар гирад:

- маълумот оиди оғоз ва анҷоми овоздиҳии пинҳонӣ;
- шумораи Вакилони барои овоздиҳи ҳуқуқдошта;
- шумораи варақаҳои додашуда;
- шумораи варақаҳое, ки дар қуттии овоздиҳӣ ҷой доштанд;
- шумораи варақаҳои овоздиҳии боэътибор;
- шумораи варақаҳои овоздиҳии беэътибор;
- шумораи овозҳои Вакилоне, ки ба ҳар як номзади дар рӯйхати Варақаҳои овоздиҳӣ ҷойдода, овоз додаанд.

Протокол оиди натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, аз тарафи Раис ва котиби Комиссияи ҳисоботӣ, ба имзо расонида шуда, дар назди Вакилони Анҷуман, эълон карда мешаванд.

**Моддаи 33.** Қарор дар бораи интихоби номзад, дар сурате қабулшуда эътироф мешавад ва номзад интихобгашта ҳисобида мешавад, агар Вакилон бо аксарити овозҳо ба номзадии ӯ овоз дода бошанд, яъне 50% ҷамъи як овоз.

**Моддаи 34.** Агар дар қуттии овоздиҳӣ, аз шумораи умумии Вакилон дида, зиёдтар варақаҳои овоздиҳӣ дарёфт карда шавад, Комиссияи ҳисоботӣ натиҷаи овоздиҳиро беэътибор медонад. Дар сурати беэътибор донистани овоздиҳӣ, Комиссияи ҳисоботӣ, ӯҳдадор аст, варақаҳои нави овоздиҳиро тайёр карда, овоздиҳии навро ташкил намояд.

**Моддаи 35.** Анҷумани адвокатҳо ҳуқуқ дорад, оиди гузаронидани тариқи овоздиҳӣ (кӯшода ё ин ки пинҳонӣ), Қарори дахлдор қабул намояд.

## Муқарароти хотимавӣ

**Моддаи 36.** Баъди баррасии ҳамаи масъалаҳои рӯзномаи рӯзи Анҷумани адвокатҳо ва қабули Қарорҳо, Анҷуман кори худро хотима медиҳад.

Доир ба натиҷаҳои Анҷуман, протокол тартиб дода мешавад, ки он аз тарафи Раисикунандаи Анҷуман ва роҳбари котибот ба имзо мерасад.
Ба протокол варақаҳои бақайдгирӣ, протоколҳои Комиссияи ҳисоботӣ, варақаҳои овоздиҳӣ замима карда мешавад.